Бо қарори Ҳайати мушовараи
Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз "31" майи 2021
№ 17.16 тасдиқ шудааст

# СТАНДАРТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ГУЗАРОНИДАНИ ЧОРАБИНИҲОИ ТАШХИСӢ-ТАҲЛИЛӢ (СПҲ-110)

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилӣ" (СПҲ-110) (минбаъд Стандарт) ҷиҳати дастгирии методологӣ барои татбиқи фаъолияти ташхисӣ-таҳлилии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Палатаи ҳисоб) мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" (минбаъд - Қонун "Дар бораи Палатаи ҳисоб") ва Низомномаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

1.2. Стандарт бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи аудити берунаи давлатӣ, баҳисобгирии муҳосиботӣ ва ҳисоботи молиявӣ таҳия шудааст.

1.3. Стандарт талаботҳои умумӣ, хусусиятҳо, қоидаҳо ва тартиби гузаронидани чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилии Палатаи ҳисобро муқаррар мекунад.

Хусусиятҳои гузаронидани чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилӣ метавонанд аз ҷониби дигар стандартҳои Палатаи ҳисоб низ муқаррар карда шаванд, ки хусусиятҳо, қоидаҳо ва тартиби банақшагирӣ, ташкил ва амалисозии намудҳои алоҳидаи фаъолияти Палатаи ҳисоб ва истифодаи баъзе намудҳои аудити давлатии беруна муайян карда шаванд.

1.4. Вазифаҳои Стандарт инҳоянд:

- муайян кардани мундариҷа, тартиби ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилӣ;
- муайян кардани тартиби барасмиятдарории натиҷаи чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилӣ.

1.5. Палатаи ҳисоб метавонад бо мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва дигар мақомотҳои давлатӣ чорабиниҳои муштарак ва ташхисӣ-таҳлилӣ гузаронад. Инчунин чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилиро дар якҷоягӣ ё дар як вақт бо мақомотҳои олии аудити дигар давлатҳо гузаронад.

Тартиби ташкили чунин чорабинӣ ва ҳамкории ҷонибҳо дар ҷараёни татбиқи он тибқи стандартҳои дахлдори ташкили фаъолияти Палатаи ҳисоб муқаррар карда мешаванд.

## 2. Мазмуни чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ

2.1. Чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилӣ шакли ташкилии татбиқи ташхисӣ-таҳлилӣ аз ҷониби Палатаи ҳисоб мебошад, ки тавассути он татбиқи вазифаҳо, уҳдадорӣ ва ваколатҳои Палатаи ҳисоб дар соҳаи аудити давлатии беруна таъмин карда мешавад.

2.2. Чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- дар асоси нақшаи кори Палатаи ҳисоб барои соли муносиб гузаронида мешавад;
- тибқи барнома, ки бо тартиби муқарраршуда тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад;
- аз рӯи натиҷаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ҳисобот тартиб дода шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

2.3. Ҳадафҳои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ инҳоянд:

- ташхису таҳлили масъалаҳои мубрами низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули буҷети давлатӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили сабаб ва оқибатҳои қонуншиканӣ ва камбудиҳо, ки аз натиҷаҳои фаъолияти қаблан гузаронидашудаи чорабиниҳои аудиторӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ муайян карда шудаанд.

2.4. Мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилии Палатаи ҳисоб иборат аз ташкил ва фаъолияти низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили раванди буҷет, тартиби ташаккул, идоракунӣ ва ихтиёрдории маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, амволи давлатӣ ва дигар захираҳое, ки дар доираи салоҳияти Палатаи ҳисоб, инчунин танзими қонунгузорӣ, дар соҳаи иқтисодиёт ва молия, аз ҷумла таъсир

ба ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ ва маблағҳои ғайрибуҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар марҳилаи ташаккули лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои аудитории Палатаи ҳисоб барои соли оянда муайян карда шуда, ҳамчун қоида дар номгӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ инъикос меёбад. Мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ҳангоми татбиқи он тағйир дода намешавад.

2.5. Бо мақсади гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз байни объектҳои аудит объектҳое, ки дар доираи мавзӯи чорабинӣ масъалаҳо дар соҳаи фаъолият мавриди таҳқиқ, арзёбӣ, таҳлил ва мониторинг қарор дода шавад, муайян карда мешавад.

Чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ нисбат ба объекти чорабинӣ метавонад дар маҳалли ҷойгиршавии объект ва ҳам бо ирсоли дархост ба объекти чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ гузаронида шавад.

Ба объектҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ мақомот ва ташкилотҳое дохил намешаванд, ки ҳангоми гузаронидани чорабинии мазкур дархостҳо барои гирифтани маълумоти зарурӣ барои таҳқиқ, арзёбӣ, таҳлил ва мониторинг дар соҳаи фаъолияти объект равона карда мешаванд.

2.6. Чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бо истифода аз чунин усулҳои пешбурди фаъолияти Палатаи ҳисоб, ба монанди таҳлил, таҳқиқ, мониторинг ё омезиши онҳо вобаста ба мавзӯъ ва ҳадафҳои чорабинӣ гузаронида мешавад.

## 3. Ташкили чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ

3.1. Чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад, ки ҳар яки он бо иҷрои вазифаҳои муайян тавсиф карда мешавад:

- марҳилаи омодагӣ;
- марҳилаи асосӣ;
- марҳилаи ниҳоӣ.

3.2. Марҳилаи омодагии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бо мақсади омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объектҳои чорабинӣ, таҳияи барнома ва нақшаи корӣ барои татбиқи он амалӣ карда мешавад.

Марҳилаи асосии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз таҳқиқоти бевоситаи мавзӯи он иборат аст, ки аз натиҷаҳои он хулоса ба расмият дароварда мешавад.

Дар марҳилаи ниҳоии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ хулоса, пешниҳод (тавсияҳо) таҳия гардида, ҳисобот аз натиҷаи чорабинӣ таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

3.3. Давомнокии ҳар як марҳилаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз мавзӯъ ва ҳадафҳои чорабинӣ, аз ҷумла хусусиятҳои масъалаҳои мубрами таҳқиқшаванда вобаста аст.

Фармоиш дар бораи гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб ё муовини ӯ дар шакли мутобиқ ба Замимаи № 1-и Стандарт ба расмият даровarda мешавад. Дар фармоиш асоси гузаронидани чорабинӣ (сархати нақшаи кори Палатаи ҳисоб), муҳлат (аз ҷумла ҳамаи марҳилаҳои он), роҳбари чорабинӣ ва дигар кормандони Палатаи ҳисоб, ки дар чорабинии мазкур иштирок менамоянд, нишон дода мешавад.

Дар ҳолати гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки масъалаҳои ба салоҳияти ду ва ё зиёда самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб дахл доранд ба номи сараудитор - узви Ҳайати мушовара, ки барои ташкил, гузаронидан ва ҷамъбасти натиҷаи чорабинӣ масъул аст, дар мувофиқа бо дигар аъзоёни Ҳайати мушовара фармоиш ба тариқи хаттӣ ба расмият даровarda мешавад.

Санаи оғози чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ санаест, ки дар фармоиш ба сараудитор – Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб оиди гузаронидани чорабинӣ нишон дода шудааст. Санаи ба охир расидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ санае мебошад, ки Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қарор дар бораи тасдиқи ҳисобот аз натиҷаҳои чорабинии гузаронидашударо қабул мекунад.

3.4. Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бо истифода аз шаклҳои ҳуҷҷатҳои дар Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда омода карда мешаванд.

3.5. Агар масъалаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ коркарди маълумот, ҳуҷҷат ва маводҳои дорои маълумоти давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро дар бар гирад, ташкил ва гузаронидани чорабинии мазкур ба қайд гирифта шуда, он мутобиқ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи иттилооте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳанд, амалӣ карда мешавад.

3.6. Дар ҳолатҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ва гирифтани ҷавоб ба саволҳои дода шуда ба дониши

махсус дар соҳаи илм, техника ё касбу ҳунар зарурият ба миён ояд, ки кормандони Палатаи ҳисоб надоранд, дар асоси шартнома барои иштирок дар чорабинӣ коршиносони беруна ҷалб карда мешаванд.

Иштироки коршиносони беруна дар чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ тавассути иҷрои намуди мушаххас ва миқдори муайяни кор аз ҷониби коршиноси беруна, супоришҳои инфиродӣ, таҳияи маълумоти таҳлилӣ, хулосаи коршиносон ва баҳодиҳӣ, амалӣ карда мешавад.

Ҷалби коршиносони беруна барои гузаронидани чорабинӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қоидаҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3.7. Ташкили мустақим ва гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилиро кормандони Палатаи ҳисоб, инчунин шахсони дигаре, ки бо тартиби муқарраргардида дар гузаронидани он иштирок доранд, анҷом медиҳанд.

Рӯйхати ниҳоии иштирокчиёни чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар барномаи чорабинӣ нишон дода мешавад.

3.8. Роҳбари чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ роҳбарии умумии чорабиниро анҷом дода, амалҳои иштирокчиёни чорабинии ташхисӣ-таҳлилиро дар ҳама марҳилаҳо ҳамоҳанг мекунад.

Роҳбари чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ метавонад сардори раёсат дар доираи самти фаъолияти Палатаи ҳисоб бошад, роҳбари чорабиниро сараудитори масъули гузаронидани чорабинӣ мебошад, бо назардошти фикри сардори раёсат дар доираи фаъолияти Палатаи ҳисоб, муайян мекунад.

Дар ҳолати гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки масъалаҳои ба салоҳияти ду ва ё зиёда самти фаъолияти Палатаи ҳисоб дохилшавандаро фаро мегиранд, роҳбарии чорабиниро сараудитор, ки масъули ташкил, гузаронидани ин чорабинӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои он аз ҳисоби кормандони самти фаъолиятие мебошанд, ва бо дарназардошти талаботҳои зикргардида сурат мегирад, муайян мекунад.

3.9. Барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ гурӯҳ (гурӯҳҳо) -и кормандони дастгоҳи Палатаи ҳисоб ташкил карда мешавад.

Сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ мебошад, бо назардошти хулосаи сардори раёсат дар доираи фаъолияти Палатаи ҳисоб ҳайати ададӣ ва шахсии гурӯҳи кормандон барои чорабинӣ, инчунин оид ба ҳайати шахсии гурӯҳи ташкилшуда барои гузаронидани чорабинӣ, ки масъалаҳои ба салоҳияти

ду ва ё зиёда сараудитори Палатаи ҳисоб дохилшавандаро дар бар мегирад, пешниҳод мекунанд.

Дар ҳолати ташкили якчанд гурӯҳи корӣ барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, дар ҳар гурӯҳ роҳбар муайян карда мешавад. Роҳбари гурӯҳи корӣ шахсе, ки вазифаи баландтарро ишғол мекунад ва агар аъзои гурӯҳ вазифаҳои баробарро ишғол кунанд, аз ҷумлаи онҳо бо пешниҳоди роҳбари дахлдори раёсат, муайян карда мешаванд.

Гурӯҳи корӣ бояд бо назардошти он ташкил карда шавад, ки дониши касбӣ, малака ва таҷрибаи аъзои он бо сифати баланд гузаронидани чорабиниро таъмин намояд.

Таъсиси гурӯҳ барои гузаронидани чорабинӣ бояд тавре сурат гирад, ки ягон ихтилофи манфиатҳо ба амал наояд.

Иштироки ҳамзамони як корманди Палатаи ҳисоб дар гузаронидани якчанд чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилӣ иҷозат дода мешавад.

3.10. Агар дар ҷараёни чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ кор бо иттилооте, ки сирри давлатиро ташкил медиҳад, ба нақша гирифта шуда бошад, пас гурӯҳ бояд аз ҳисоби кормандони Палатаи ҳисоб, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба сирри давлатӣ дар шакли мувофиқ иҷозат доранд, ташкил карда шавад.

3.11. Кормандони Палатаи ҳисоб ҳуқуқ надоранд, ки ба фаъолияти оперативӣ ва хоҷагии объектҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дахолат кунанд.

Кормандони Палатаи ҳисоб ҳуқуқ надоранд, ки маълумоти гирифташударо ифшо кунанд, онҳо вазифадоранд сирри давлатӣ, хизматӣ, тиҷоратӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро, ки ҳангоми гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ба онҳо маълум гаштааст, нигоҳ доранд.

3.12. Робитаҳои хизматии ҳайати Палатаи ҳисоб бо шахсони мансабдори объекти чорабинӣ бо назардошти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандон, ки дар қонун "Дар бораи Палатаи ҳисоб", санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гаштааст, ваколатҳои пешбининамудаи қоидаҳои дохилии Палатаи ҳисоб, амалӣ карда мешаванд.

Дар мавриди ба амал омадани ҳолатҳои бархӯрдӣ, ки дар ҷараёни чорабинӣ ба амал омада кормандони Палатаи ҳисоб бояд ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ ба роҳбари чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ муроҷиат карда, моҳияти ин вазъро фаҳмонанд ва дар сурати ихтилоф бо роҳбари

чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ - ба сардори мустақими раёсат барои қабули қарор пешниҳод намоянд.

Агар вазъияти бархӯрд бо иштироки роҳбари раёсат ҳал карда нашавад (ё ҳал кардан мумкин нест), корманди Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад, ки бо ин масъала ба сараудитори масъули гузаронидани чорабинӣ мебошад, муроҷиат кунад.

3.13. Дар ҷараёни гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ҳуҷҷатҳои корӣ бо мақсади зерин ташаккул дода мешаванд:

- омӯзиши мавзӯи чорабинӣ;

- тасдиқи натиҷаҳои чорабинӣ, аз ҷумла барасмиятдарории хаттии (ҳуҷҷатгузорӣ) далелҳо;

- тасдиқи усулҳои ҷамъоварӣ ва таҳлилӣ маълумоти воқеӣ ва иттилооте, ки дар ҷараёни чорабинӣ татбиқ карда мешаванд;

- кафолати сифат ва назорати сифати чорабинӣ;

- аз ҷониби кормандони Палатаи ҳисоб тасдиқи иҷрои барнома ва нақшаи кории чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ.

Ба ҳуҷҷатҳои корӣ ҳуҷҷатҳо (нусхаи онҳо) ва дигар маводҳое, ки аз шахсони мансабдори объекти чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, дигар мақомот ва ташкилотҳо бо дархости Палатаи ҳисоб гирифташуда (маълумотномаҳои таҳлилӣ, ҳисобҳо ва ғ.) мустақиман таҳия ва имзо карда шудаи кормандони Палатаи ҳисоб мустақилона дар асоси маълумоти ҷамъоваришуда ва маълумоти воқеӣ, ҳуҷҷат ва маводҳои аз ҷониби коршиносони беруна омодашуда, инчунин маълумотҳои дар шакли электронӣ аз системаҳои иттилооти давлатӣ дастрас гардидаанд, дохил мешавад.

Таркиби ҳуҷҷатҳои корӣ, ки дар худ ҳуҷҷат ва маводҳоро дар бар мегиранд, барои ташаккули хулосаҳое, ки дар ҳисобот аз натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ асос шудаанд, хизмат мекунад.

Ҳуҷҷатҳо ва маводҳои корӣ, аз ҷумла хулоса ва ёддоштҳои таҳлилиро дар бар мегиранд, ки барои ташаккули хулосаҳое, ки дар ҳисобот аз натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ асос ёфтаанд.

Таркиби ҳуҷҷатҳои кории тартиб додашударо роҳбари чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ муайян мекунад.

Ҳуҷҷатҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коргузории мустақил ва нигаҳдории доимӣ интиқол дода мешаванд.

## 4. Марҳилаи омодагӣ ба чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ

4.1. Марҳилаи омодагии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз омӯхтани пешакии мавзӯъ ва объектҳои чорабинӣ, муайян кардани ҳадафҳо ва масъалаҳои чорабинӣ, меъёрҳои аудит (арзёбӣ) дар ҳолати ба миён омадани зарурият интихоб ё таҳияи усулҳои барои татбиқи он бо стандартҳои дахлдори аудити берунаи давлатӣ пешбинишуда иборат аст.

Марҳилаи омодагии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ба коҳиш додани хавфҳои чорабинӣ аз ҳисоби:

- ҷамъоварии маълумоти зарурии воқеӣ ва иттилоот (мавод, ҳуҷҷатҳо) оид ба мавзӯи чорабинӣ;
- муайян кардани усулҳои гирифтани маълумоти воқеӣ ва маълумот барои ташаккули далелҳо;
- муайян кардани усулҳои муносиб барои таҳлили далелҳо ва иттилоот, нигаронида шудааст.

Марҳилаи омодагии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз санаи мувофиқ ба санаи оғози чорабинӣ, ки дар фармоиши сараудитори Палатаи ҳисоб дар бораи гузаронидани чорабинии мазкур нишон дода шудааст, оғоз мегардад.

4.2. Натиҷаи марҳилаи омодагии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ тасдиқи барномаи (барномаи ягона) чорабинӣ, таҳияи нақшаи корӣ барои гузаронидани чорабинӣ, фиристодани огоҳиномаҳо ба роҳбарони объектҳо аз чорабинии пешбинишуда мебошад.

Омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объектҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бояд кормандони Палатаи ҳисобро, ки дар чорабинӣ иштирок мекунанд, бо тамоми маълумотҳои зарурӣ барои таҳияи барномаи гузаронидани чорабинӣ лозиманд, таъмин намоянд.

Давомнокии марҳилаи омодагии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз се рӯзи корӣ камтар буда наметавонад.

4.3. Омӯзиши пешакии мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар асоси маълумот ва маводҳое, ки дар марҳилаи омодагӣ ба даст оварда шудаанд, инчунин натиҷаҳои таҳлили камбудию норасоиҳои ошкоршуда аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ дар бахши ин мавзӯи чорабинӣ, гузаронида мешавад.

Маълумот оид ба мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, дар ҳолати зарурӣ, мувофиқи тартиби муқарраргардида метавонад тавассути фиристодани дархостҳои Палатаи ҳисоб ба роҳбарони объектҳои

чорабинӣ, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо иттилоот пешниҳод карда шавад.

Шакли дархости Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешниҳоди маълумот дар Замимаи № 2.1 ба Стандарт оварда шудааст.

4.4. Сараудиторе, ки масъули гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ мебошад, аз объекти таҳқиқот маълумотро дар бораи чорабинии назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ, ки қаблан нисбат ба объекти мазкур гузаронида шуда буд, талаб мекунад (бо замимаи нусхаҳои ҳисобот, инчунин дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз рӯи натиҷаҳои онҳо тартиб дода шудаанд, агар чунин чорабиниҳо гузаронида шуда бошанд).

4.5. Дар асоси натиҷаҳои омӯзиши пешакии мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ҳадафҳо ва масъалаҳои барномаи чорабинӣ, меъёрҳои аудит (арзёбӣ) дар ҳолатҳое, ки зарурати интихоб ё таҳияи онҳо тибқи стандартҳои дахлдори аудити давлатии беруна, инчунин ҳаҷми корҳо (расмиёт, тартиб) пешбинӣ шудааст, муайян карда мешаванд.

Ҳадафҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бояд бо назардошти талаботҳои зерин тартиб дода шаванд:

- *фаҳмо.* Ҳадафҳо (тасвияти онҳо) возеҳанд, ба шарҳҳои мухталиф тобеъ нестанд, истилоҳҳои дақиқ муайяншударо дар бар мегиранд;

- *мушаххас.* Ҳадафҳо (тавсияти онҳо) имконияти тасаввуроти якранг пайдо карданро оид ба натиҷаҳои пешбинишаванда медиҳанд, ки миқдоран ва (ё) сифатан ифода карда шудаанд;

- *имконпазир.* Ҳадафҳо бо назардошти захиравӣ ва дигар маҳдудиятҳои хавфҳо, ки ба имконияти ноил шудан ба онҳо таъсир мерасонанд, муайян карда мешаванд.

Ҳадафҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бояд тавре муайян карда шаванд, ки аз рӯи натиҷаҳои он хулосаҳои ба онҳо мувофиқ баровардa, тавсияҳо таҳия карда шаванд.

Таркиби ҳадафҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бо назардошти зарурати фарогирии пурраи мавзӯи чорабинӣ, инчунин имконпазирии омӯхтани ҷанбаҳои самти мавзӯъ, ки бо баланд шудани хавф тавсиф карда мешаванд, муайян карда мешавад.

Тарҳрезии ҳадаф бояд феъли "баҳогузорӣ", "таҳқиқ", "таҳлил" -ро дар бар гирад ва тавонад як қисми мавзӯи мавриди омӯзишро доро бошад ("иҷрои стратегиро арзёбӣ намояд ...", "имконпазириро таҳлил намояд ...", аҳамиятнокӣ, мақсаднокӣ, устуворӣ, сифат, мутобиқат ... " ва ғ. таҳқиқ намояд).

Барои ҳар як ҳадафи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ рӯйхати саволҳо муайян карда мешавад, ки бояд дар давоми чорабинӣ омӯхта ва таҳлил карда шаванд.

Саволҳо барои ҳар як ҳадафи чорабинӣ бо назардошти талаботҳои зерин таҳия карда мешаванд:

- *зарурат* Ҳама саволҳо барои ноил шудан ба ҳадафи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ равона карда шудаанд;

- *кифоят.* Маҷмӯи саволҳо барои ба даст овардани маълумоти пурра ва ҳамаҷониба ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ имконият фароҳам меорад;

- *ҳамдигар-истиснокунанда.* Саволе нест, ки мундариҷаи он қисман ё пурра такрор карда шавад.

4.6. Аз натиҷаҳои омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объектҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, барномаи чорабинӣ таҳия карда мешавад, ки онро роҳбари чорабинӣ имзо мекунад ва бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

- асос барои гузаронидани чорабинӣ (банди нақшаи кори Палатаи ҳисоб);

- мавзӯи чорабинӣ;

- рӯйхати объектҳои чорабинӣ;

- рӯйхати мақомот ва ташкилотҳои дигаре, ки ба онҳо фиристодани дархостҳои Палатаи ҳисоб дар бораи пешниҳоди маълумоти зарурӣ барои гузаронидани чорабинии мазкур ба нақша гирифта шудааст;

- рӯйхати пешакии маълумотҳо (ҳуҷҷатҳое), ки ҳангоми гузаронидани чорабинӣ истифода мешаванд, бо нишон додани намуди иттилоот, усули ба даст овардан ва усули коркарди он;

- ҳадаф (ҳадафҳо) ва масъалаҳо оид ба чорабинӣ;

- меъёрҳои аудиторӣ (арзёбӣ) дар ҳолатҳое, ки зарурати ворид кардани меъёрҳо ба барномаи гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз ҷониби стандартҳои дахлдори аудити давлатии беруна пешбинӣ шудааст;

- давраи омӯхташуда дар ҷараёни чорабинӣ;

- муҳлати гузаронидани чорабинӣ (аз ҷумла вақти рафтан ба объектҳо);

- ҳайати иштирокчиёни чорабинӣ (роҳбари чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, роҳбарони гурӯҳ, аъзоёни гурӯҳҳои корӣ, коршиносони беруна (дар ҳолати ҷалб шудан));

- муҳлати пешниҳоди ҳисобот дар бораи натиҷаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ барои баррасӣ ба Ҳайати мушоварам Палатаи ҳисоб.

Пеш аз тасдиқ, лоиҳаи барномаи гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилиро сараудитор тасдиқ мекунад ва аз байни кормандон роҳбари чорабинӣ муайян карда мешавад. Тасдиқи барномаи гузаронидани чорабинӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоб сурат мегирад. Шакли барномаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар замимаи № 3 ба Стандарт оварда шудааст.

Усулҳои ба даст овардан ва коркарди иттилоот барои пур кардани рӯйхати пешакии иттилоот (ҳуҷҷатҳо), ки дар барномаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ (барномаи ягонаи гузаронидани чорабинӣ) пешбинӣ шудааст, дар замимаи №4 Стандарт оварда шудааст.

4.7. Дар ҳолати гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки масъалаҳои ба салоҳияти ду ва ё зиёда сараудитори Палатаи ҳисоб дохилшударо фаро мегиранд, барномаи ягонаи чорабинӣ таҳия карда мешавад, ки дар он илова бар мундариҷаи барномаи пешбинишуда дар банди 4.5 Стандарт дарҷ карда мешавад:

- сараудиторони Палатаи ҳисоб, ки масъули гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ мебошанд;

- муҳлати аз ҷониби сараудиторони Палатаи ҳисоб пешниҳод намудани мавод аз натиҷаи чорабинӣ ба сараудитори масъули ташкил, гузаронидан ва ҷамъбасти натиҷаи чорабинӣ мебошад;

- муҳлати ҷамъбасти натиҷаи чорабинӣ аз ҷониби сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули ташкил, гузаронидан ва ҷамъбасти чорабинӣ мебошад, муайян мегардад.

Омода намудани лоиҳаи барномаи ягонаи гузаронидани чорабиниро сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули ташкил, гузаронидан ва ҷамъбасти натиҷаҳои чорабинии мазкур мебошад, бо назардошти пешниҳодҳои дигар сараудиторони Палатаи ҳисоб, ки масъули гузаронидани ин чорабинӣ мебошанд, ба уҳда дорад.

Шакли барномаи ягонаи гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар Замимаи № 5-и Стандарт дарҷ шудааст.

4.8. Пас аз тасдиқи барномаи (барномаи ягона) чорабинӣ роҳбари он нақшаи кории чорабинии ташхисӣ-таҳлилиро таҳия мекунад.

Дар нақшаи кории чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бояд рӯйхати вазифаҳо оид ба татбиқи барномаи чорабинӣ, ки дар байни аъзоёни

гурӯҳи корӣ тақсим карда шудаанд, бо нишон додани мундариҷаи кор (расмиёт) ва муҳлати иҷро пешбинӣ карда шавад.

Нақшаи корӣ барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ набояд дорои маълумоти сирри давлатӣ бошад.

Нақшаи кории чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз ҷониби роҳбари чорабинӣ имзо карда шуда, ба маълумоти ҳамаи иштирокчиёни чорабинӣ расонида шуда, имзои онҳо гирифта мешавад.

Дар ҷараёни гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ роҳбари чорабинӣ мувофиқати кори иҷрокардаи иштирокчиёни чорабиниро ба нақшаи корӣ ва барномаи чорабинӣ муайян мекунад.

Шакли нақшаи корӣ барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар Замимаи № 6 –и Стандарт дарҷ шудааст.

4.9. Ҳангоми гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки ба сафари корӣ рафтани кормандони Палатаи ҳисобро пешбинӣ мекунад, барнома (барномаи ягона) ва тағйирот ба барномаи (барномаи ягона) чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ба шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Палатаи ҳисоб тибқи тартиби муқарраргардида ва дар муҳлати пешбинишуда барои ба қайд гирифтан пешниҳод карда мешавад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба барномаи ягонаи чорабинӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад.

4.10. Дар ҳолати гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар объекти чорабинӣ ба иштирокчиёни он, аз ҷумла коршиносони беруна ва дигар ашхоси дар чорабинӣ ҷалбшуда, шаҳодатнома барои ҳуқуқи гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар шакл ва тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоб дода мешавад.

4.11. Сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули ин чорабинӣ мебошад, пеш аз оғози марҳилаи асосии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ роҳбарони объектҳои чорабиниро оид ба гузаронидани он огоҳ мекунад.

Дар огоҳинома номи чорабинӣ, далелҳо ва муҳлати гузаронидани он, ҳайати гурӯҳи иҷрокунандаи чорабинӣ нишон дода шуда, ва барои гузаронидани чорабинӣ шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда мешавад.

Ба огоҳинома замима карда мешавад:

- нусхаи барномаи тасдиқшудаи (барномаи ягона) чорабинӣ (ё иқтибос аз барнома);

- рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки шахсони масъули чорабинӣ бояд барои пешниҳод ба шахсони иштирокчии чорабинӣ омода кунанд;

- рӯйхати саволҳое, ки аз ҷониби шахсони масъули объекти чорабинӣ ҷавоб дода мешаванд;

- шаклҳое, ки барои ин чорабинӣ махсус тарҳрезӣ шудаанд ва барои ба низом овардани иттилооти пешниҳодшуда заруранд;

Шакли огоҳинома оид ба гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар Замимаи №7-и Стандарт оварда шудааст.

4.12. Сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ мебошад, дар давоми се рӯзи корӣ аз санаи тасдиқи барномаи чорабинӣ, ки сафар ба объекти чорабиниҳо пешбинӣ мекунад ва роҳбари масъулони асосии маблағҳои буҷети давлатӣ дар бораи шомил намудани мақомоти ҳудудии тобеи онҳо ва (ё) ташкилотҳо ба рӯйхати объектҳои чорабинӣ, хабар медиҳанд.

Шакли мактуби огоҳинома ба роҳбарони масъулони асосии маблағҳои буҷети давлатӣ дар бораи гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар Замимаи № 8-и Стандарт оварда шудааст.

## 5. Марҳилаи асосии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ

5.1. Марҳилаи асосии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ иборат аз ҷамъоварию таҳлили маълумоти воқеӣ ва маълумот дар бораи мавзӯи чорабини, омӯзиши мустақими мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ мувофиқи мақсад ва масъалаҳои дар барнома (барномаи ягона)-и пешбинишуда ва гузаронидани он мебошад. Натиҷаи ин марҳила таҳияи хулоса дар асоси натиҷаҳои таҳлил ё омӯзиш ва ҳуҷҷатҳои корӣ мебошад.

5.2. Ҷамъоварии маълумот ва иттилооти воқеӣ, чун қоида, тавассути фиристодани дархостҳои Палатаи ҳисоб дар бораи пешниҳоди маълумот ба объектҳои чорабинӣ, инчунин ба дигар мақомот ва ташкилотҳо амалӣ карда мешавад.

Агар сафар ба объектҳои ташхисӣ-таҳлилӣ пешбинӣ шуда бошанд, қабули иттилоот ва маълумотҳои воқеӣ бевосита дар маҳалли ҷойгиршавии объектҳо сурат мегирад.

5.2.1. Ҷамъоварии иттилоот ва маълумотҳои воқеӣ дар ҳаҷме, ки барои ташхиси далелҳо, таҳияи хулосаҳо дар бораи ҳолати объективии соҳаи таҳқиқшаванда ва омода намудани пешниҳодҳо (тавсияҳо) аз

натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ кофӣ мебошад, анҷом дода мешавад.

5.2.2. Дастрасии далелҳо.

5.2.2.1. Далелҳо ин маълумоти воқеӣ ва иттилоот, инчунин натиҷаҳои таҳлилие мебошанд, ки натиҷаҳо ва хулосаҳоро тасдиқ ва ифода карда, пешниҳод (тавсияҳое)-ро, ки дар натиҷаи гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ таҳия шудаанд, асоснок менамоянд.

5.2.2.2. Раванди дастрас намудани далелҳо қадамҳои зеринро дар бар мегирад:

- ҷамъоварии маълумот ва иттилооти воқеӣ мутобиқи барномаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, муайян кардани мукаммалӣ, мувофиқат ва эътимоднокии онҳо;

- таҳлили маълумотҳои воқеии ҷамъоваришуда ва ташаккул додани далелҳои кофӣ ва муносиб мувофиқ ба ҳадафҳои чорабинӣ;

- гузаронидани ҷамъоварии иловагии маълумот ва иттилооти воқеӣ дар ҳолати нокифоя будани онҳо барои ташаккули хулосаҳои оқилона мутобиқи ҳадафҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ.

5.2.2.3. Барои ноил шудан ба ҳадафҳо, тасдиқи натиҷаҳо ва хулосаҳо ва асосноккунии пешниҳод (тавсияҳо) дар асоси натиҷаҳои чорабинӣ, далелҳои кофӣ ва мувофиқ тартиб ва асоснок карда мешаванд.

Далелҳо дар он сурат кофӣ ба ҳисоб мераванд, ки агар ҳаҷм ва мундариҷаи он ба хулосаҳои якранги асоснок, таҳияи пешниҳод (тавсияҳо) аз натиҷаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ имконият диҳанд.

Ҳангоми арзёбии кофии далелҳо ҳолатҳои зерин бояд ба назар гирифта шавад:

- чӣ қадаре, ки хавфи таҳрифи ҷиддии маълумоти воқеӣ ва иттилооте, ки барои таҳияи хулоса, таҳияи пешниҳод (тавсияҳо) истифода мешаванд зиёд бошад, ҳамон қадар талабот ба миқдор (кофӣ) ва сифати далелҳо (то ҳадди имкон) баландтар аст. Хавфи таҳрифи ҷиддии маълумот ва иттилоот маънои чунин дараҷаи таҳрифи арзишҳои маълумот ва иттилоотро доранд, ки дар онҳо аз объективии хулосаҳои таҳияшуда, пешниҳод (тавсияҳо) омода шудаанд;

- мавҷудияти миқдори зиёди далелҳо набудани аҳамият, эътимоднокӣ ва эътибори онро ҷуброн карда наметавонад;

- дар сурати ақидаи дигар доштани (аз фикри иштирокчиёни чорабинӣ фарқ мекунанд) намояндагони объекти чорабин, одатан далелҳои бештар талаб карда мешаванд.

Аз ҷониби иштирокчии чорабинӣ муайян кардани далелҳои мувофиқ арзёбии эътимоднокӣ ва дурустии онро дар бар мегирад.

Ба маврид будани далел маънои онро дорад, ки далелҳо бо ҳадафҳо ва саволҳо иртиботи мантиқӣ доранд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ алоқамананд.

Эътимоднокии далелҳо ба дараҷае мансуб аст, ки далелҳо бо маълумоти манбаъҳои гуногун тасдиқ карда шаванд ё имкон диҳанд, ки ҳангоми такрори натиҷаҳои якхела ба даст оварда шаванд.

Асоснокӣ маънои мувофиқати истифодаи усулҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотро ба шароити мушаххаси рӯйдоди чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дорад.

Далелҳо ва дигар маълумотҳои дар рафти гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бадастомада, дар ҳуҷҷатҳои корӣ дарҷ карда мешаванд (сабт карда мешаванд).

5.3. Дар ҳолатҳои нопурра ё саривақт пешниҳод накардани, ҳуҷҷатҳо ва маводҳои дар ҷараёни гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дархостшуда, дар сурати мавҷуд набудани далели хаттии асоснок аз ҷониби роҳбари чорабинӣ дар бораи имконнопазирии сари вақтӣ ва пурра, санад дар бораи эҷоди монеаҳо ба кормандони Палатаи ҳисоб барои гузаронидани чорабинӣ (минбаъд - санад) бо зикри сана, вақт, ҷой, маълумоти роҳбар ва (ё) дигар шахсони масъули объекти чорабинӣ, ки амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд ва дигар маълумоти зарурӣ тартиб дода мешавад.

Ҳангоми ҷамъоварии маълумотҳои воқеӣ ва иттилоот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии объекти чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, санади мазкур низ дар ҳолатҳои рад кардани шахсони мансабдори объекти чорабинӣ аз қабули ҳайати кормандони Палатаи ҳисоб, тартиб дода мешавад.

Корманд ба роҳбари чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ва сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули ин чорабинӣ мебошад, дар бораи далели эҷоди монеаҳо дар гузаронидани чорабинӣ иттилоъ медиҳад.

Шакли санад дар бораи далелҳои эҷоди монеаҳо ба кормандони Палатаи ҳисоб барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар Замимаи №9-и Стандарт оварда шудааст.

Санади зикргардида дар ду нусха тартиб дода мешавад, ки яке аз он бо мактуби иловагӣ ба роҳбар ва (ё) дигар шахси масъули объекти чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ фиристода (бо забонхат супорида) мешавад.

Агар дар давоми ду рӯзи корӣ пас аз пешниҳоди (супоридани) санади мазкур монеаҳое, ки барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ба вуҷуд омадаанд, бартараф карда нашаванд, сараудитори Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани ин чорабинӣ масъул аст, ба раиси Палатаи ҳисоб хабар медиҳад ва дар ҳолати набудани ӯ, зимнан ба муовини раиси Палатаи ҳисоб дар бораи омода сохтани пешниҳодҳо аз ҷониби Палатаи ҳисоб оид ба далелҳои эҷоди монеаҳо барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, хабар медиҳад.

5.4. Пешниҳоди Палатаи ҳисоб дар бораи далелҳои эҷоди монеаҳо дар гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- маълумотҳои ибтидоӣ дар бораи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ (асос барои гузаронидани он, номи чорабинӣ, номи объекти чорабинӣ);

- нишон додани далелҳои мушаххаси эҷоди монеаҳо ба кормандони Палатаи ҳисоб барои гузаронидани чорабинӣ;

- талабот оид ба рафъи монеаҳои зикршуда дар гузаронидани чорабинӣ ва андешидани чораҳо нисбати шахсони мансабдор, ки ба кори кормандони Палатаи ҳисоб монеъ мешаванд;

- муҳлати иҷрои пешниҳоди Палатаи ҳисоб.

Шакли пешниҳоди Палатаи ҳисоб дар бораи далелҳои эҷоди монеаҳо барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар Замимаи № 10-и Стандарт оварда шудааст.

Пешниҳоди Палатаи ҳисоб аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қабул карда мешавад ва аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ё муовини ӯ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо карда мешавад.

5.5. Дар асоси натиҷаҳои омӯзиши мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, роҳбари чорабинӣ омода намудани хулосаи Палатаи ҳисобро ташкил мекунад.

Хулоса дар асоси ҳуҷҷатҳои корӣ, аз ҷумла бо назардошти ҳисоботи таҳлилии омодашуда таҳия карда шуда, дорои сохтори зерин мебошад:

- заминаи гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ;

- мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ;

- давраи таҳлил;

- натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ.

Хулосаро роҳбари чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ имзо мекунад.

Шакли хулоса аз натиҷаҳои таҳлил, пурсише, ки дар ҷараёни гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ амалӣ шудааст, дар Замимаи № 12-и Стандарт оварда шудааст.

5.6. Дар ҳолатҳое, ки дар ҷараёни ҷамъоварии маълумотҳои воқеӣ ва иттилооти зарурӣ барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, омӯхтан, баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои ба барнома ва нақшаи кории гузаронидани чорабинӣ воридшуда, нишонаҳои қонуншиканиҳои ошкоршуда дар иқтисодиёт, фаъолияти молиявӣ, тиҷоратӣ ва дигар объектҳои чорабинӣ сурат мегирад, пас чунин маълумот ва далелҳо аз ҷониби иҷрокунандагон дар гузориши таҳлилӣ ва хулоса фавран пас аз пешниҳоди мавод оид ба чорабинӣ инъикос карда мешаванд.

Роҳбари чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ роҳбарони объектҳои чорабиниро бо маълумот дар бораи нишонаҳои қонуншиканиҳо тавассути фиристодани иқтибосҳо аз хулосаҳои дар муддати на дертар аз се рӯзи корӣ аз рӯзи бақайдгирии хулосаҳо бо мактуби ҳамроҳшавандае, ки дар он имконияҳо ва мӯҳлати пешниҳоди тавзеҳотро бораи чунин маълумот ва далелҳо нишон дода шудааст, шинос мекунад.

Мӯҳлати пешниҳоди тавзеҳот на дертар аз 14 рӯзи корӣ то мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот аз натиҷаи чорабинӣ ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки дар барномаи гузаронидани чорабинӣ пешбинӣ шудааст, муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани ҳисобот дар бораи натиҷаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ тавзеҳоти роҳбарони объектҳои чорабинӣ дар робита бо аломатҳои қонуншикание, ки дар хулоса инъикос ёфтаанд, ба назар гирифтан мумкин аст.

## 6. Марҳилаи ниҳоии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ

6.1. Марҳилаи ниҳоии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ аз омодагиҳо дар асоси маълумотҳои воқеӣ ва маълумоти дар ҳисоботи таҳлилӣ сабтшуда ва хулосаҳое, ки ҳангоми чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ тартиб дода шудаанд, хулосаҳо ва тавсияҳо, ки дар ҳисобот дар бораи натиҷаи чорабинӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз натиҷаи чорабинӣ таҳия шудаанд, инъикос ёфтааст.

Бо мақсади таъмини сифати омодасозии лоиҳаҳо, давомнокии марҳилаи ниҳоӣ ҳуҷҷатҳои дар натиҷаи гузаронидани чорабинӣ тартибдодашуда, аз 30 рӯзи корӣ камтар буда наметавонад.

6.1.1. Хулосаҳое, ки дар асоси натиҷаҳои гузаронидани чорабинӣ тартиб дода шудаанд, бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

- хулосаҳое, ки натиҷаи чорабиниро ҷамъбаст мекунанд, бояд натиҷаи мантиқии таҳлили онҳо бошанд;

- хулосаҳо дар шакли натиҷабандии ақлони тартиб дода шуда, ҳолати (нишондиҳандаҳои) соҳаи таҳқиқшавандаро, аз ҷумла хосиятҳои мусбат, манфӣ ё бетарафии онро тавсиф кунанд;

- хулосаҳо бояд мавҷудияти мушкилот, сабабҳои он, хавфҳо, тамоюлҳо ва дараҷаи таъсири онҳоро ба ҷанбаҳои гуногуни мавзӯъ ва дигар соҳаҳои ба он марбут нишон диҳанд. Агар дар рафти чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ таҷрибаи мусбӣ муайян карда шуда бошад, хулосаҳо бояд имконияти паҳнкунии онро нишон диҳанд;

- таҳияи хулосаҳо бояд изҳороти ниҳоӣ бошанд, ки дар шакли мухтасар натиҷаҳои асосии чорабинии ташхисӣ-таҳлилиро барои ҳар як ҳадафи он ифода кунанд;

- матни хулосаҳо набояд тавсифи натиҷаҳои фаъолиятро, ки дар боби дахлдори гузориш дода шудаанд, такрор кунад.

6.1.2. Тавсияҳо дар асоси хулосаҳо омода карда мешаванд.

Тавсияҳо ба объекти чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, инчунин ба дигар мақомот ва ташкилотҳо ирсол карда шуда, тадбирҳоеро нишон медиҳанд, ки қабули онҳо дар мӯҳлати тавсияшуда ба ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири рушди иҷтимоию иқтисодӣ, низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ ва фондҳои ғайрибуҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили системавии идоракунии давлатӣ ва дигар соҳаҳо, мусоидат мекунад.

Тавсияҳо дуруст таҳия шудаанд, агар онҳо:

- ба ҳалли мушкилот ва бартараф кардани камбудиҳо, инчунин сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳо равона карда шуда бошанд;

- мантиқан аз хулосаҳо, ки ба натиҷаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ такя мекунад, бармеоянд;

- мушаххас, ба натиҷа нигаронидашуда, давраи тавсияшавандаро дар бар гирад;

- ба объектҳои чорабинӣ, дигар мақомот ва ташкилотҳое, ки ба салоҳият ва масъулияти онҳо татбиқи онҳо равона шудааст (минбаъд гирандагон);

- имкониятҳои гирандагон (адресантон) -ро барои татбиқи онҳо дар муҳлати тавсияшуда мустақилона ё бо ҷалби захираҳои иловагӣ ба назар гиранд;

- бо назардошти имконияти назорати иҷрои онҳо таҳия шудаанд ва дар ҳолати зарурат гузаронидани якчанд амали алоҳидаи ба ҳам алоқаманд барои татбиқи тавсияҳо, назорати иҷрои ҳар яки ин амалҳо имконпазир аст;

- тавсияҳои қаблан додашударо, инчунин натиҷаҳои татбиқи онҳоро ба назар мегирад.

6.1.2.1. Бо мақсади таъмини ҳисоботи тавсияҳои Палатаи ҳисоб, Харитаи тавсияҳо, ки дар шакли Замимаи №17-и Стандарт додашуда, ташаккул дода мешавад.

Дар ин Харита тавсияҳои афзалиятнокро нишон медиҳанд. Тавсияҳои афзалиятнок, аз ҷумла тавсияҳоеро дар бар мегиранд, ки татбиқи амалии онҳо дар муҳлати тавсияшуда дар назар аст:

- баланд бардоштани сифати идоракунии даромади буҷетӣ системаи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ, ба истиснои шароити истифодаи ғайриқонунӣ ва номатлуби захираҳои давлатӣ;

- баланд бардоштани сифати қарорҳои қабулшуда дар соҳаи идоракунии давлатӣ (стратегӣ) оид ба масъалаҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ (стратегӣ);

- беҳбудии назарраси шароити зиндагии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ё гурӯҳи шаҳрвандоне, ки ба таваҷҷӯҳи махсуси давлат ниёз доранд;

- баланд бардоштани сифати идоракунии молиявии объекти чорабинӣ ва дигар объектҳои аудити Палатаи ҳисоб;

- бартараф намудани сабабҳои ба вуҷуд омадани қонуншиканиҳо дар соҳаи молия ва буҷет, инчунин пешгирии онҳо;

- зиёд кардани асоснокӣ ва баҳсҳои қабули қарорҳо дар системаи идоракунии давлатӣ;

- баланд бардоштани дараҷаи ошкоро будани маълумотҳои давлатӣ, бо назардошти маҳдудиятҳои мавҷудаи махфият;

- таъмини таконҳои тағйироти дар бахшҳои муайян ё системаи идоракунӣ, аз ҷумла ҳалли масъалаҳои муҳим, паҳн намудани таъсири мусбӣ дар сатҳи тамоми давлат.

Дар доираи таҳияи харитаи тавсияҳо сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули гузаронидани чорабинӣ мебошад, метавонад дар баррасии мансубият ба тавсияҳои афзалиятнок ва дигар тавсияҳоро ташаббус нишон диҳад.

Масъалаи мансуб додани тавсияҳо ба тавсияҳои афзалиятнок дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб бо пешниҳоди сараудитори барои гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ масъул аст ё узви дигари Ҳайати мушовара, ки дар доираи салоҳияти худ тавсияҳои дахлдор омода кардааст, баррасӣ карда мешавад (дар ҳолате, ки гузаронидани чорабинӣ, масъалаҳои ба салоҳияти ду ва ё зиёда самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисобро дар бар мегирад, гузаронида шавад).

Қарори мансуб додани тавсияҳо ба тавсияҳои афзалиятнок бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ҳангоми баррасии масъалаи тасдиқи ҳисобот қабул карда мешавад.

Ба ҳисобот харитаи тавсияҳо замима карда мешавад.

6.2. Ҳангоми таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳо аз натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ метавонад натиҷаҳои кори мутахассисони беруна, ки дар иштирок дар чорабинӣ ҷалб шудаанд, истифода шаванд. Қарор дар бораи истифодаи натиҷаҳои кори коршиносони беруна дар таҳияи ҳисобот аз ҷониби сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули гузаронидани чорабинӣ мебошад, қабул карда мешавад.

6.3. Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ (минбаъд - ҳисобот) бояд дар бар гирад:

- натиҷаҳои асосии чорабинӣ дар ҳаҷми то панҷ саҳифа, тавсифи маҷмӯи натиҷаҳои муҳимтарини чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравáнд;

- маълумотҳои ибтидоӣ дар бораи чорабинӣ (асос барои гузаронидани чорабинӣ, мавзӯъ ва ҳадаф (ҳо)-и он);

- меъёрҳои аудит (баҳодиҳӣ), агар зарурати интихоб ё таҳияи онҳо аз ҷониби стандартҳои дахлдори аудити берунии давлатӣ пешбинӣ шуда бошад;

- объектҳои чорабинӣ, давраи таҳқиқот, мӯҳлати гузаронидани чорабинӣ;

- тавсифи мухтасари доираи мавзӯи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар ҳаҷми на бештар аз як саҳифа, ки дар он маълумот оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҳамчун замина барои муаррифии минбаъдаи натиҷаҳои чорабинӣ (аз рӯи зарурат) пешниҳод гаштааст;

- маълумот дар бораи хулосаҳои чорабинӣ, ки натиҷаҳои омӯзиши мавзӯи чорабинӣ, натиҷаҳои мушаххас барои ҳар як ҳадафи чорабинӣ дар банди масъалаҳо, аз ҷумла дар асоси меъёрҳои аудити қаблан таҳияшуда (баҳодиҳӣ), мушкилоти муайяншуда, сабабҳои пайдоиш ва оқибатҳои онҳо, арзёбии эътимоднокии маълумот ва иттилооти воқеии истифодашуда (дар ҳолати зарурӣ) дарҷ гардидааст;

- хулосаҳо барои ҳар як ҳадафи чорабинӣ, ки дар худ шакли умумӣ арзёбиҳои ниҳоии масъалаҳои мубрами омӯхташударо инъикос мекунанд;

- тавсияҳо бо зикри гирандагон.

Дар ҳолати зарурӣ гузориш метавонад замимаҳо дошта бошад.

Шакли ҳисобот дар бораи натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар Замимаи № 13-и Стандарт оварда шудааст.

6.4. Ҳангоми тартиб додани ҳисобот бояд талаботҳои зерин ба назар гирифта шавад:

- натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ бояд дар гузориш мутобиқи ҳадафҳои барномаи татбиқи он бо таваҷҷӯҳ ба муқаррароти муҳимтарин пайдарпай пешниҳод карда шаванд;

- мавҷудияти таҷрибаи мусбӣ дар масъалаҳои ташкил ва фаъолияти низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили раванди буҷет, ташаккул, идоракунӣ ва ихтиёрдории захираҳои давлатӣ ва масъалаҳои дигари соҳавӣ дар ҳисобот инъикос ёфтааст;

- ҳисобот бояд танҳо он маълумот, натиҷаҳо ва хулосаҳоеро дар бар гирад, ки бо маводи ҳуҷҷатҳои кории чорабинӣ тасдиқ карда шаванд; хулосаҳо, тавсияҳо дар ҳисобот бо назардошти талаботи бандҳои 6.1.1 ва 6.1.2-и Стандарт мутаносибан таҳия карда мешаванд;

- дар ҳисобот бояд аз шарҳдиҳӣ ва ҷузъиёти нолозим, ки диққатро аз муқаррароти муҳимтарини он дур мекунанд, канорагирӣ карда шавад;

- матни ҳисобот бояд мухтасар навишта шавад, такрорро дар бар нагирад, хондан ва фаҳмиши он осон бошад ва ҳангоми истифодаи ягон истилоҳ ва ихтисороти махсус, он бояд шарҳ дода шавад;

- ҳаҷми матни ҳисобот, бе назардошти замимаҳо ва бо дарназардошти миқёс ва хусусияти гузаронидани чорабинии ташхисӣ-

таҳлилӣ, набояд аз 45 саҳифа (81000 аломат) зиёд бошад ва дар ҳолатҳои гузаронидани чорабинӣ бо иштироки ду ва ё зиёда фаъолияти Палатаи ҳисоб, мавҷудияти се ва ё зиёда ҳадафҳои чорабинӣ ё муқаррар намудани давраи омӯзиш дар давоми се сол - на бештар аз 60 саҳифа (108,000 аломат) бошад. Ҳамзамон, ҳисобот бо назардошти талаботи умумӣ оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои расмӣ дар Палатаи ҳисоб тартиб дода мешавад;

- воситаҳои аёнӣ (аксҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо, графикҳо ва ғ.) шакл ва ҳаҷми хурд мустақиман дар матни ҳисобот истифода мешаванд;

- тавсифи усулҳои ҷамъоварӣ, таҳлили маълумоту иттилооти воқеӣ барои ба даст овардани далелҳо, аз ҷумла тавсифи маҳдудиятҳои маълумотӣ ва усулҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили онҳо (агар бошад), маводи графикӣ ва ҷадвалии ҳаҷми калон ва (ё) шакл, қолабҳо, усулҳои ҳисобкунӣ, дигар маълумотҳои тавзеҳотӣ, истинодӣ ва маводҳое, ки маълумотро дар бораи натиҷаҳои чорабинӣ илова мекунанд ва (ё) нишон медиҳанд, маълумот ва маводҳое, ки дорои маълумоти сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, дар шакли замимаҳои алоҳида ба ҳисобот, аз ҷумла бо назардошти талабот ба кори махфии ҳуҷҷатгузорӣ, тартиб дода мешаванд.

Тайёр кардани ҳисобот бо таҳияи банди "Ҷамъбасти калидии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ" ба анҷом мерасад. Мазмуни ин бахш изҳороти ҷамъбасти ниҳоии чорабинии ташхисӣ-таҳлилиро дар бар мегирад, ки дар асоси хулосаи муқаррароти ҳисобот ва нишон додани натиҷаҳои назарраси чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ гузаронида мешавад.

Маводи калони графикӣ ва (ё) шакл, ҷадвалҳои шакли калон, диаграммаҳо, усулҳои ҳисобкунӣ ва ғайра, ки маълумотро дар бораи натиҷаҳои чорабинӣ илова ва (ё) тасвир мекунанд, бояд дар замимаҳои алоҳидаи ҳисобот пешниҳод карда шаванд.

6.5. Таҳияи ҳисоботро сараудитори Палатаи ҳисоб, ки масъули чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ мебошад, ташкил мекунад.

Дар ҳолати гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки ба салоҳияти ду ва ё зиёда сараудиторони Палатаи ҳисоб дохил мешавад, сараудитори Палатаи ҳисоб, ки ташкили чорабинӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои он ва пешниҳоди дигар маводҳои ба зиммаи ӯ аз ҷониби сараудиторҳои масъули гузаронандаи чорабиниҳои ташхисӣ-таҳлилӣ вогузор намуда, ҷамъбаст карда ҳисоботро дар бораи натиҷаҳои он пешниҳод менамояд.

6.6. Ҳисоботро сараудитори Палатаи ҳисоб ба имзо мерасонад ва он тибқи тартиби муқарраргардида барои баррасӣ ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати гузаронидани чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки ба салоҳияти ду ва ё зиёда сараудиторони Палатаи ҳисоб дохил мешавад, ҳисоботи онро ҳамаи сараудиторони Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъуланд имзо намуда, онро ба аъзои Ҳайати мушовара, ки ташкил ва ҷамъбасти натиҷаҳои онро ба уҳда доранд, пешкаш карда мешавад.

6.7. Дар ҳолати зарурӣ метавонад ҳисобот дар бораи натиҷаҳои фосилавии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ таҳия карда шавад.

Тайёр ва таҳияи ҳисобот дар бораи натиҷаҳои фосилавии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ мутобиқи талаботи Дастури Палатаи ҳисоб сурат мегирад.

6.8. Барои мувофиқати ҳисобот ба талаботҳои стандарт, аз ҷумла мутобиқати ҳисобот, сараудиторон, аъзоёни Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ва роҳбарони чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки барои гузаронидани чорабинӣ, инчунин дар дурустии маълумотҳо ва хулосаҳое, ки дар ҳисобот барои баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳодшуда инъикос ёфтаанд, бо маълумоти дар хулосаҳо, ҳисоботи таҳлилӣ ва ҳуҷҷатҳои корӣ мавҷудбуда, масъул мебошанд.

6.9. Ҳамзамон бо ҳисобот, лоиҳаҳои мактубҳои ҳамроҳ ба ҳисобот дар бораи натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда мешаванд.

Шакли мактуби ҳамроҳ ба замимаи ҳисобот дар бораи натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ дар замимаи № 14-и Стандарт оварда шудааст.

6.10. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ ба объектҳои чорабинӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони манфиатдори мақомоти иҷроияи дахлдори давлатӣ, мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ ташкилотҳо ва дигар мақомотҳои давлатӣ тавассути мактубҳои иттилоотӣ, расонида мешавад.

Дар мактубҳои иттилоотӣ ҷамъбасти калидии чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки дар ҳисобот ҷой дода шудаанд ва гирандагони дахлдор

таваҷҷӯҳ доранд, инчунин тавсияҳо, ки дар натиҷаи гузаронидани чорабинӣ омода карда шудаанд, дарҷ карда мешавад.

Агар дар ҷараёни чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ зарурати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуда бошад, дар мактуби иттилоотӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тавсияҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон ва (ё) қабули дигар пешниҳод карда мешаванд.

Тайёр кардани мактуби иттилоотӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоб сурат мегирад. Мактуби иттилоотӣ метавонад танҳо он тавсияҳоро дар бар гирад, ки дар боби дахлдори ҳисобот оид ба натиҷаҳои чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ оварда шудаанд.

Дар мактуби иттилоотӣ, ҳангоми зарурият дархост оид ба иттилоот ба Палатаи ҳисоб дар бораи натиҷаҳои баррасии он нишон дода мешавад.

Шакли мактуби иттилоотии Палатаи ҳисоб дар Замимаи №16-и Стандарт оварда шудааст.

6.11. Ҳисобот дар бораи натиҷаи чорабинии ташхисӣ-таҳлилӣ, ки мутобиқи муроҷиат ё дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муроҷиати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд, инчунин ба гирандагони дахлдор ва инчунин ба дигар мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва воситаҳои ахбори омма, агар чунин қарор аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қабул карда шуда бошад, фиристода мешаванд.